“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____ Қурбонзода М.Р.
«06» майи соли 2024 с.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсияи номзадии Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи “Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи номзадии Сатторова Дилрабо Қаҳоровна таҳти унвони “Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бахшида шудааст. Муҳтавои кори диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ навишта шуда, пурра ба он мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Дар ҳама давру замон забон василаи асосии муколама ва гуфтугӯйи фарҳангу тамаддун маҳсуб ёфта, ҷиҳати шинохт ва расидан ба комёбӣ мусоидат мекунад. Забони тоҷикӣ таъриху тамаддуни тулонӣ дошта, тавассути он беҳтарин осори бунёдии мутафаккирони форсу тоҷик таълиф ёфтааст, ки онҳо дар рушди маънавӣ ва тамаддуни инсонӣ нақши муасир гузоштаанд.

Унвонҷӯ, Сатторова Дилрабо Қаҳоровна ҳангоми омӯзишу таҳлили таҳқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ маводи таҳқиқшавандаро дар асоси усулҳои забоншиносии муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, асосҳои назариявию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намудааст.

Абдусалом Деҳотӣ дар ташаккул ва инкишофи забоншиносии тоҷик низ нақши муҳимме дорад. Мақолаҳои илмии навиштаи Абдусалом Деҳотӣ, ки мавзуъҳои гуногунро дар бар мегиранд, аҳаммияти калони илмӣ доранд. Алалхусус, осори илмии адиб, ки ба самти забоншиносии муосири тоҷик равона карда шудааст, қобили тваҷҷуҳи махсус мебошанд. Абдусалом Деҳотӣ ҳамроҳи Н. Н. Ершов

«Луғати русӣ-тоҷикӣ» [1949]-ро таҳрир намудааст, яке  аз муҳаррирони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [1969] буд. Дар масъалаи сода кардани забон ва мувофиқи талаффуз ва фаҳми омма кор фармудани истилоҳот кӯшишҳои зиёд намудааст.

Сатторова Дилрабо доир ба забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ аз уҳдаи навиштани рисолаи илмӣ ба хубӣ баромадааст.

**Мубрамии таҳқиқи** мазкур, дар он низ зоҳир мегардад, ки мавзуи мавриди таҳқиқ дар забоншиносии тоҷик дар шакли мукаммал бори нахуст мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирад. Вобаста ба ин, омӯзиш ва таҳқиқи забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ ва баррасии чигунагии истифодаи онҳо дар ҳикояҳои адиб яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Асосу бунёди назарӣ ва методологии диссертатсияи мазкурро таълифоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба монанди Н. Маъсумӣ [1959], Р. Ғаффоров [1966], И. Ҳасанов [1966], Б. Ниёзмуҳаммадов [1969], Б. Камолиддинов [1967], А. Муъминов [1975], М. Н. Қосимова  [1980], Ҳ.Маҷидов [1982], Д.Хоҷаев [191981], Ҳ. Ҳусейнов [1983], С. Сабзаев [1991], Ш. Исмоилов, М. Аҳмадова [1991, 2009], М. Н. Қосимова [1998], Ҳ.Талбакова [2008], М. Саломов [2000], Ш. Исматуллоҳ [2007],  Қ. Мухторӣ [2012], У. Саъдуллоев [2013], Д. Фозилов [2013], М. Мирзоева [2017], Ж. Гулназарзода [2022], А. Шарофиддинова [2017], А. Юнусӣ [2023], В. А. Капранов [1957] А. А. Киреев [1964], В. Н. Клюева [1964], В.В. Виноградов [1968],  Н. А. Лукянова [1970],  Г. С. Гвеникадзе [1971] ва дигарон ташкил медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки забоншиносон як қатор мақолаҳои илмӣ оид ба осори Абдусалом Деҳотӣ дар самти адабиётшиносиву забоншиносӣ нашр намудаанд. Аз ҷумла, дар самти забоншиносӣ мақолаҳои Б. Ниёзмуҳаммадов "Абдусалом Деҳотӣ ва забоншиносии тоҷик" [1965], Д. Хоҷаев  "Абдусалом Деҳотӣ ва баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷикӣ" [2011] ва Ш. Исмоилов "Интихоби истилоҳ аз нигоҳи Абдусалом Деҳотӣ"-ро [2007] номбар кардан мумкин аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар роҳи таҳқиқи минбаъдаи масоили марбут ба луғатшиносӣ, маъношиносӣ, услубшиносии забони тоҷикӣ, ҷудо намудани гурӯҳҳои маъноии калимаҳо, мавқеи онҳо дар адабиёти

бадеӣ, мавридҳои истифодаи онҳо, хусусияти услубӣ касб кардани ин навъи воҳидҳои луғавӣ ҳам дар сухани тасвирии муаллиф ва ҳам дар нутқи персонажҳо ва амсоли инҳо таҳлилу арзёбӣ шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки маводи мавриди таҳқиқ барои омӯзиши забони адабии нимаи аввали асри XX дар оянда заминае хоҳад гузошт. Инчунин, барои таълими фанҳои забони муосири тоҷик, луғатшиносӣ, услубшиносӣ ва хондани курсҳои махсус дар гурӯҳҳои филологӣ кумак хоҳад расонд. Аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари нависандагии Абдусалом Деҳотӣ ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хидмат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар диссертатсия коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти забоншиносӣ ва услубшиносӣ мавриди истифода қарор гирад. Инчунин, натиҷаҳои бадастомада метавонанд зимни таҳқиқи эҷодиёти нависандагони алоҳида ба кор бурда шаванд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи низомнома ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо ва феҳрасти адабиёти мавриди истифодаи унвонҷӯ қарорёфта иборат буда, 176 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ – мақсаду вазифаи таҳқиқ, предмет ва объекти таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, усул, сарчашма ва навгонии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда,′ аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

**Боби якуми диссертатсия - “Қабатҳои луғавӣ-маъноии вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ”** ном дошта, дар 4 зербобу 6 фасли он хусусияти луғавӣ-маъноии вожаҳои ҳикояҳои нависанда аз нигоҳи услубӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби мазкур фарогири маълумоти муфассал дар атрофи баррасии пурраи қабатҳои маъноӣ-луғавии вожаҳо–калимаҳои сермаъно,

омонимҳо, муродифот ва мутазодҳо мебошад. Мавриди зикр аст, ки калимаҳои сермаъно дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ хеле фаровон корбурд шудаанд. Далели фаровонии ин навъи калимаҳо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки образнокию салосати сухан ва дорои хусусиятҳои экспрессивӣ будан маҳз ба услуби бадеӣ хос аст. Адиб имкон пайдо менамояд, ки хислат, рафтору кирдор ва муносибати персонажҳои асари худро ба пуррагӣ тасвир намояд.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки “Омӯзиши қабатҳои маъноии вожаҳо дар намунаи осор ё асари нависандаи алоҳида, аз як тараф хусусияти луғавӣ-маъноии калимаҳоро ҳангоми корбурд равшан кунад, аз тарафи дигар услубу забони осор ё асари муаллифро муайян месозад.” (саҳ. 18).

Мусаллам аст, таркиби луғавии забон ҳамеша дар тараққиёту такомул қарор дошта, аз ҳисоби вожаҳои нав бою ғанӣ мегардад. Тағйироти маънои калима, таркибу ибора, васеъ гардидани ҳудуди маънӣ, аз байн рафтани маъниҳои иловагӣ ва пайдошавии маъноҳои нав дар калима ва таркибу ибора дар забон мунтазам ҷараён дорад.

**Боби дуюми диссертатсия «Мавқеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввал **«Вожаҳои аслан тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, дар он корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва хусусияти услубии онҳо баррасӣ шудаанд.

Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки “Калимаҳои аслии тоҷикӣ устувору пойдор ва ба таъсири забонҳои бегона тобоваранд, зеро онҳо асрҳои аср дар забонамон мавриди истифода қарор доранд. Ин гуфтаҳои моро калимаҳои решагии кор, об, кӯҳ, рӯд, рӯз, шаб, сол, дил, даст, роҳ ва монанди инҳо тақвият мебахшад, ки дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бо ҳамон маъноҳо ва ҳамон қолабҳои овозӣ истифода шудаанд” (саҳ. 85).

Бояд тазаккур дод, ки хидмати Абдусалом Деҳотӣ дар роҳи инкишофи забони адабии муосири тоҷик хеле назаррас мебошад. Сатторова Дилрабо ба сифати намуна ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро мавриди арзёбӣ қарор додааст, ки ба назари мо ҳикояҳои адиб дар маҷмуи осори ӯ нақши бузург доранд. Ҳангоми мутолиа ва муқоисаи он хонанда дарк мекунад, ки хизмати нависанда дар такмилу инкишофи забони адабии муосири тоҷик қобили таваҷҷуҳ аст.

**Боби сеюми диссертатсия «Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ»** унвон дошта, аз 3 зербоб иборат аст. Боби мазкур ба таҳқиқи унсурҳои забон вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоии онҳо бахшида шудааст. Дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавқеи калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо хеле калон аст. Зербоби аввали боби сеюм **«Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ»** ном дошта, қабати махсуси калимаҳои забони тоҷикӣ мебошанд, ки дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ хеле зиёд корбаст шудааст.

Дар боби мазкур унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки “Забон ва осори бадеӣ дар ҳар асру замон як ҳодисаи хосу мураккабе мебошад, ки бо вуҷуди услубҳо умумияти забонӣ доштанаш тафовутҳои ба худ хос низ дорад. Барои пуробуранг ва самимию табиӣ баромадани асари бадеӣ нависанда бояд аз забони халқ калимаю ибораҳои таъсирнокро истифода бурда тавонад” (саҳ. 154).

Зербоби дуюми боби сеюм «**Услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ»** унвон дорад, ки дар он вобаста ба тарзи корбурд ва ҷузъи асосии ибораҳои фразеологӣ унвонҷӯ онҳоро дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст.

Зербоби сеюми боби сеюм **«Таснифоти зарбулмасалу мақолҳо»** ном гирифтааст, ки зарбулмасал ва мақол дар сухани тасвирии нависандагон бештар ба сифати тавсиф ва баҳодиҳии муаллиф ба ҳодиса, одамон ва чизҳо корбаст шудаанд. Абдусалом Деҳотӣ зарбулмасалу мақолҳоро дар асарҳои худ хеле фаровон ба кор бурдааст. Муҳаққиқ бар он назар аст, ки «Зарбулмасал ва мақол моҳияти ҳодисаҳои басо мураккабро барҷаста нишон дода, аз ҷиҳати сохт кӯтоҳ ва мухтасар мебошанд» (137).

Ҳамин тавр, саҳми Абдусалом Деҳотӣ дар ташаккули адабиёти муосири тоҷик хеле назаррас аст, ки осори мансури ӯ далели ин гуфтаҳост.

Ҳарчанд хулосабарории диссертант дар интиҳои ҳар боб пешниҳод гардида бошад ҳам, бо вуҷуди ин дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои он дар ёздаҳ банд ҷамъбаст гардидааст, ки ин аз дақиқназару борикбин будани ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Сатторова Дилрабо бо такя ба андешаҳои олимону муҳаққиқони соҳа оид ба забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ дар таҳқиқи рисолаи илмӣ ақидаҳои хешро иброз дошта, хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки

дар забоншиносии тоҷик, аз ҷумла вижагиҳои таҳқиқи асарҳои бадеӣ, аҳаммияти калони илмиро доро мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Диссертатсия дар доираи пажӯҳишҳои илмӣ навишта шудааст, бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди илмӣ доштан, дар он баъзе камбудҳо ҷой доранд, ки ба назари мо рафъи онҳо аз тарафи муаллиф ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Нобаробарӣ дар бобҳои диссертатсия дида мешавад. Хуб мебуд, агар ҳаҷми саҳифаҳои он баробар мешуд;
2. Дар баъзе ҷумлаҳои диссертатсия номувофиқатии мубтадо бо хабар дида мешавад. Масалан дар ҷумлаи "Шумораи зиёди муродифот дар захираи луғавии забон аз он шаҳодат медиҳад, ки муродифот қисмати мукаммал ва ғании таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад, (ҳол он ки унвонҷӯ бояд "мебошанд" менавишт, с.45, 87, 110...);
3. Дар ҷумлаи "Ақидаҳои онҳо дар бораи муродифот аз назари муҳаққиқон дур намондааст", (хуб мебуд, ки номи муҳаққиқон оварда шавад, с.36, );
4. Ҳангоми таҳлил ва овардани мисолҳо, унвонҷӯ  камтаваҷҷӯҳи ба шарҳу тафсили онҳо зоҳир намудааст;
5. Диссертатсия ва автореферати он бо забони адабии илмӣ иншо гардидааст, вале дар баъзе аз саҳифаҳо ҷо-ҷо нуқсонҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасад (саҳ. 24, 42, 43, 64, 87, 156 ...).

Албатта, ин иштибоҳот сатҳӣ буда, арзиши аслии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна таҳти унвони "Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ" таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, масъалаҳои пешниҳодшуда дар он ҳалли худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна таҳти унвони "Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ" таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертасия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф, мазмуну мундариҷаи асосии онро инъикос менамоянд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти қабулшуда, махсусан бандҳои 76, 77, 79 ва 81, ҳамчунин ба талаботи бандҳои 31-37-уми Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби Саидов Ҷаббор Зубайдович, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"–7 нафар, "зид"–нест, "бетараф"– нест.

Суратҷаласаи ғайринавбатии кафедра №9 аз 3-юми майи соли 2024.

РАИСИ ҶАЛАСА:
мудири кафедраи забони тоҷикии
ДДБ ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

ЭКСПЕРТ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикии ДДБ ба
номи Носири Хусрав Саидов Ҷаббор Зубайдович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори
забони тоҷикии ДДБ ба номи
Носири Хусрав Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович

Имзоҳои н.и.ф., дотсентон Ҷ.З. Саидов,
М.Н. Назаров ва н.и.ф., М.Б. Раҳмоновро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: bgsu78@mail.ru, web-сайт: www.btsu. edy.tj

Сана: «6» 05 соли 2024.